**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ**

Истифодаи компютер ва дигар воситаҳои технологӣ барои нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот ва истифодаи интернет баҳри дастрасӣ ба иттилоот дар ҷомеаи умумиҷаҳонӣ босуръат ба одатҳои муқаррарӣ ва рушдёбандаи одамон табдил ёфтааст. Дар робита ба ин, таҳия ва мубодилаи сиёсатҳо барои татбиқи ин технологияҳо аҳамияти хоссаро доро аст, зеро онҳо дар амалияи кунунӣ ва ҳаёти ояндаи одамон хеле таъсирбахшанд. Дар баробари ин, бесамар будани сиёсатҳо барои роҳнамоии шахсони алоҳида, ки ҳангоми истифодаи компютерҳо онҳоро барои хидматгузорӣ ба манфиатҳои зарарароварашон ба кор мебаранд, мушкилоти беназири ахлоқиро эҷод мекунанд. Ин мушкилот, ки аз технологияҳои компютерӣ бармеоянд, таҳқиқи амиқтари ахлоқи иттилоотӣ-компютериро ба миён гузошта, аҳамияти онро ҳамчун як соҳаи муташаккил ва мураккаб тасдиқ менамояд.

Аҳамияти таҳқиқоти ахлоқи иттилоотӣ ва компютерӣ дар тӯли камтар аз як аср нишон дод, ки дар он инсоният аз ҳолати итоат ба табиат ба қудрати фармонфармо табдил ёфт, ки дар он воситаҳо ва абзорҳои технологиро барои тарҳрезӣ ва идоракунии воқеиятҳои тамоман нав ва мутобиқ кардани онҳоро ба манфиати худашон ба кор мебаранд. Аз ин ҷо, масъулияти ахлоқии инсон дар ҷаҳон ва дар назди наслҳои оянда ҳамон қадар низ бузург аст. Дар иртибот бо ин, матраҳ шудани ҳаллу фасли масъалаҳои ахлоқии технологияи иттилоотӣ дар илмҳои имрӯза, бахусус фалсафа, аҳамияти хосса дорад.

Мавзӯи интихобнамудаи Исомадинова Ф.М.-ро яке аз мавзӯҳои мубрам ҳисобидан мумкин аст, зеро муҳаққиқ диққати мутафаккирони тамоми соҳаҳои илми муосири ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст. Истифодаи компютер ва дигар воситаҳои технологӣ барои нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооту истифодаи интернет баҳри дастрасӣ ба маълумот дар ҷомеаи умумиҷаҳонӣ

босуръат ба одатҳои мукаррарӣ ва рушдёбандаи одамон табдил ёфтааст. Дар робита ба ин, таҳия ва мубодилаи сиёсатҳо барои татбиқи ин технологияҳо аҳамияти хоссаро доро аст, зеро онҳо дар амалияи кунунӣ ва ҳаёти ояндаи одамон хеле таъсирбахшанд.

Аз ҷониби муаллифи автореферат, **дар муқаддима** мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди илмии муаммо тавсиф ёфтааст, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он муайян шудаанд; ҳадаф, вазифаҳои таҳқиқот ифода ёфта, навоварии илмии натиҷаҳои таҳқиқот инъикос гардидаанд; аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот нишон дода шудаанд; дараҷаи эътимоднокӣ, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот ва сохтори диссертатсия қайд гардидааст.

Боби якум **«Заминаҳои методологӣ – назариявии таҳқиқи арзишҳои ахлоқии ҷомеаи иттилоотӣ»** - аз 3 зербоб иборат мебошад.

Муаллифи диссертатсия масъалаҳои ахлоқи муосири иттилотӣ ва компютерӣ, мавзуҳои анъанавӣ, аз қабили ҷиноятҳои иттилоотӣ-компютерӣ, махфӣ ва пинҳон будани иттилоот, озодӣ, ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, масъулияти касбӣ ва амсоли онҳоро вобаста ба масъалаҳои нави ахлоқӣ баррасӣ намудааст. Илова бар ин масъалаҳои ахлоқи иттилоотӣ-компютериро ба маънои анъанавии ин истилоҳ ба майдони баҳс кашида, ҳамкории инсон - компютер, дастгоҳҳои иттилоотӣ-компютерӣ, робототехника ва ғайраро таҳлил намудааст.

Ба андешаи диссертант амнияти иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ ҳамчун истилоҳоти ҳамгирое муайян карда мешаванд, ки барои тамоми фаъолиятҳои вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ ва бо мақсади беҳтар кардани истифодабарии он аз нигоҳи ахлоқӣ зарур мебошанд.

**Боби 2-юм «Инсон дар муҳити иттилоотӣ ва таҳаввули арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон»**- унвон дошта, аз се зербоб иборат аст.

Аз ҷониби муаллифи рисола ишора гардидааст, ки дар ҳаёти инсоният рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар заминаи пешрафти воситаҳои технологӣ,

инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташаккулёбии низоми иттилоотӣ таҳаввулоти ҷиддиеро ба вуҷуд оварда, дар натиҷа ба инқилоби бузург табдил ёфтааст. Дар ин замина иттилоот ба сифати манбаи муҳимми баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишварҳо, барқарор кардани робитаҳои мутақобилан судманд, танзими муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хизмат карда метавонад.

Ба андешаи диссертант, арзиш - ифодаи моҳияти ашёю ҳодиса ва хосияти онҳо мебошад, ки дар муносибатҳои ҷамъиятии одамон, синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида ҳамчун воситаи қонеъгардонии талаботу манфиатҳо, ғоя ва майлу рағбати онҳо зуҳур ёфта, дар шакли меъёр, мақсад ё идеал арзи вуҷуд мекунад. Арзишҳои инсонӣ ба амсоли ҳақиқатҷӯӣ, зебоӣ ва зебоипарастӣ, озодӣ, меҳрубонӣ, адолат ва ғайра дар ҳаёти рузмараи инсон нақши бориз доранд. Ин арзишҳо ва арзишҳои дигар бо ангеза ва ниёзҳои инсон алоқаманд буда, ҳаёти ӯро ба танзим медароранд.

Ҳамин тавр, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши фарҳангӣ падидаи наве буда, барои рушди тамоми сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таккони ҷиддие додааст. Технологияи нави муосир ба ҳаёти мардуми кишвар омехта гардида, ба амалигардонии ормону ниёзҳо ва идеалҳои мардум дар самти илм, таҳсилот, тандурустӣ, фарҳанг, иқтисод, тиҷорат, рушди соҳаи хизматрасонии электронӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мубаддал гаштааст. Тавассути иттилоотикунонӣ бештари мардум озодона ба фазои иттилооти глобалӣ роҳ ёфта, имконияти иштирок дар идоракунӣ, нишон додани роҳҳои ҳалли масоили сарнавиштсози кишвар, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро пайдо кардаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертант Исомадинова Ф.М. бобҳоро дар алоҳидагӣ, мухтасаран оварда, дар охир бо овардани нуқтаи назари худ бобҳоро ҷамъбаст намудааст.

Боис ба зикр аст, ки мундариҷаи асосии диссертатсия дар 4-мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин якчанд мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидааст.

Дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати мазкур таълиф шуда, тахкикоте, ки аз тарафи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна рӯи кор омадааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, бахри рушд ва нумӯи илми фалсафаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Ҷоиз ба қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Исомадинова Ф. М. таҳти унвони «**Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ**» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ арзанда ҳисобида мешавад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Тураев Ф.Р.

Имзои Тураев Ф.Р.– ро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМ-и
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Шарипова Д.